**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.KOA-030 - и НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Парвандаи аттестатсионии №_____**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 22 июни соли 2019, тахти №6**

Дар бораи ба Темуров Фаррухшоҳ Сироҷиддинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ: мушкилот ва дурнамои он (соли 1991 – нимаи аввали соли 2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ санаи 16-уми марти соли 2019, суратмаҷлиси №2 аз ҷониби шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.12.2017 с., №75) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

**Унвонҷӯ Темуров Фаррухшоҳ Сироҷиддинович** соли таваллудаш 1985, соли 2014 факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро хатм намудааст. Аз соли 2017 унвонҷӯйи кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Диссертатсия дар кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Нуриддинов Раймалӣ Шаҳбозович.

**Муқарризони расмӣ:**

Акбаршо Искандаров – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сайнаков Сайнак Парпишоевич – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодирзода Д.Б. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Темуров Фаррухшоҳ

Сироҷиддинович дар мавзӯи «Ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ: мушкилот ва дурнамои он (соли 1991 – нимаи аввали соли 2016)» ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Темуров Фаррухшоҳ Сироҷиддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказии пасошӯравӣ алоқамандии зич дорад.

Довталаб 6 мақолаи илмӣ дорад, ки аз онҳо 4-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

1. Темуров Ф.С. Оид ба баъзе ҷанбаҳои таърихнигории пажӯҳиши ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – №2. – С. 120 – 124.
2. Дар бораи хислати созандаи мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи истифодаи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – №3. – С. 103 – 107.
3. Оид ба заминаҳо ва ҳадафҳои ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказии пасошӯравӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – №4. – С. 86 – 90.
4. Шароитҳои ташаккулёбии мафкураи иҷтимоию иқтисодии стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // (Маводи конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ: ДДМИТ – 2018). – 2018. – С. 154 – 156.

**Дар дигар нашрияҳо:**

1. Темуров Ф.С. Нигоҳе ба таърихнигории равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ дар пасманзари ҳамкориҳои Тоҷикистон дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (солҳои 1991 – 2015): Монография / Ф.С. Темуров, З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2018. – 176с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо таълиф гардида, ба шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Аз доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, Саидов Ҳ.С.; номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муллоҷонов А., номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши мсъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ризоён Ш.Ш.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои имлоию техникӣ ва эродҳои хусусияти баҳснок манзур шудаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ тазаккур медиҳад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ:**

- консепсияи нави пажӯҳиши ҳамгироии минтақавии кишварҳои Осиёи Марказиро дар давраи пасошӯравӣ **таҳия кардааст;**

- ба омӯзиши асосҳои эмпирикӣ – таърихии мавзӯи ҳамгироии минтақавии кишварҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ **оғоз бахшида аст;**

- бори аввал пажӯҳиши таърихии ҳамгироии минтақавиро дар Осиёи Марказӣ аз нигоҳи таърихнигорӣ **анҷом додааст;**

- раванди ҳамгироии минтақавиро дар пасманзари сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва амалиёти марбутаи акторҳои абарқудрати арсаи байналмилалӣ **баррасӣ кардааст;**

- заминаҳо ва ҳадафҳои ҳамгироии пасошӯравиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ **тавсифи илмӣ додааст;**

- масъалаи ҳалталабу мушкилотро дар ҷодаи ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ дар давраи пасошӯравӣ ошкор сохта, оид ба ҳаллу фасли онҳо пешниҳодҳои асоснок **ироа намудааст;**

- масъалаҳои асосии амнияти минтақавиро дар Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиши таърихию назариявӣ **қарор додааст;**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки:**

- бори аввал асосҳои илмӣ–назариявии мавзӯъ **омӯхта шудаанд;**

- консепсияи нави пажӯҳиши мавзӯи диссертатсия аз нигоҳи таърихнигорӣ **таҳия гардидааст;**

- сабаҳои асосии кундию заифии равандҳои ҳамгироӣ дар давраи пасошӯравӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳлили илмию таърихӣ **қарор дода шудаанд;**

- нуқтаҳои назариявӣ, хулосаҳои асоснок ва тавсияҳои амалӣ оид ба рушду густариши равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва нақшу ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо **таҳия шудаанд;**

- заминаҳо, хусусият ва мушкилоту тазодҳои раванди ҳамгироӣ дар Осиёи Марказии пасошӯравӣ, ҳадафу дурнамои миёнамуҳлати он бар асоси таҳлили илмии маҷмӯи **ошкору возеҳ шудаанд;**

- ақидаҳои илмӣ ва бардоштҳои назариявӣ оид ба дарёфти равандҳои ҳамгироӣ, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ, баён гардида, саҳми назариявӣ ва амалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар роҳандозию густариши онҳо **арзёбӣ мегардад;**

- доираи фарохи адабиёт, сарчашмаҳо ва асарҳои олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ омӯхта шуда, ба гардиши илмӣ оид ба равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои нави дорои аҳамияти илмӣ ворид **карда шудаанд.**

**Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:**

- нуқтаҳои он метавонанд ҳангоми омода намудани силсилаи лексияҳо ва иншои асарҳои нави ҷамъбастӣ оид ба мавзӯи диссертатсия дар факултаҳои гуманитарии мактабҳои олӣ аз рӯйи ихтисосҳои “Таърихи Ватан”, “Муносибатҳои байналмилалӣ”, “Муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ”, ва “Минтақашиносӣ” мавриди истифода қарор гирифта, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии он дар фаъолияти доираҳои дипломатии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба **инобат гирифта шаванд;**

- ҳудудҳои истифодаи амалии фактҳои омӯхташуда, маводҳои илмӣ, нуктаҳо ва хулосаҳои таърихие, ки дар кори диссертатсионӣ дарҷ ёфтаанд ва метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, иншои асарҳои илмии таърихшиносӣ, қироати лексияҳо ва курсҳои махсус оид ба таърихи ватанӣ ва умумӣ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои муосири байналмилалӣ дар факултаҳои гуманитарии мактабҳои олии кишвар ба кор гирифта шаванд, **муайян гардидаанд;**

**Арзёбии саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот муайян намуд, ки:**

– нуктаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии он ба асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳдномаҳои байнидавлатии он, маълумоти муътамади оморӣ ва воситаҳои ахбори умуми ватанию хориҷӣ ва баромаду суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамтоёни хориҷии ӯ асос ёфта, бо маводи илмии интишории унвонҷӯ **мувофиқат менамоянд;**

– асоснокии илмӣ ва мубрамияти назариявию амалии хулосаҳои бадастомада оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ **исбот шудааст;**

Саҳми шахсии унвонҷӯ, пеш аз ҳама, дар тасвибу тайиди натиҷаҳои таҳқиқот дар маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, чопи мақолаҳо ва монография оид ба мавзӯи диссертатсия ифода меёбад.

Ин саҳм инчунин дар он зоҳир ёфтааст, ки унвонҷӯ консепсияи нави пажуҳиши таърихии равандҳои ҳамгироии пасошӯравиро дар Осиёи Марказӣ пешниҳод намуда, дар доираи он хулосаҳои назариявӣ ва таклифу тавсияҳои амалӣ аз нигоҳи илмӣ асоснокро баён кардааст.

Унвонҷӯ дар ҳамаи марҳалаҳои раванди илмӣ-таҳқиқотӣ бевосита иштирок намуда, дар интихоб ва баёни илмии мавзӯи диссертатсия саҳми шахсии ҳалкунанда дорад.

Дар ҷаласаи санаи 22 июни соли 2019 шӯрои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Темуров Фаррухшоҳ Сироҷиддинович дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 6 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи барасишаванда мебошанд.

Аз 15 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ 13 нафар, муқобили додани дараҷаи илмӣ нест, бюллетенҳои беэътибор -нест.

**Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Сайидзода З.Ш.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** Шарипов А.Н.

**22 июни соли 2019**